# ТАҚРИЗИ

**муқарризи расмӣ ба диссертатсияи Абдуллоева Гулрухсор Зиёдуллоевна дар мавзуи “Таҳқиқи этнолингвистии вожагони соҳаи ҳунармандӣ ва маишӣ дар лаҳҷаҳои водии Ҳисор” , ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01. – Забони тоҷикӣ пешниҳод гардидааст.**

Дар лаҳҷашиносии тоҷик ба сифати яке аз соҳаҳои муҳимми забоншиносии тоҷик вобаста шароити муосири рушди самтҳои нави илмҳои гуманитарӣ ва имконииятҳои муосири технологияи иттилоотӣ солҳои охир проблемаю мавзуъҳои гуногун мавриди пажуҳиш қарор мегиранд. Маълум аст, ки лаҳҷаҳои забони тоҷикӣ тибқи усулҳои анъанавии забоншиносӣ омӯхта шуда, низоми овозӣ, сохтори грамматикӣ дар муқоиса бо забони адабӣ тасвир гардида, оид ба таркиби луғавӣ маълумоти мухтасар дода шудааст. Дар марҳалаи ҳозира дар лаҳҷашиносии тоҷик масъалаҳои нав ба майдон меоянд. Таҳқиқи мукаммали таркиби луғавии лаҳҷаҳои забони тоҷикӣ дар самти ғанӣ гардондани вожаю истилоҳоти забони адабии меъёрӣ метавонад нақши муҳим бозад. Дар баробари ин пажуҳиши лексикаи лаҳҷавӣ дар ҳалли мушкилоти лаҳҷашиносии таърихии забони тоҷикӣ, робита ва таъсири забонҳои дигар ба лаҳҷаю гӯйишҳо ва таъсири мутақобилаи байни лаҳҷаву гӯйишҳои гуногун метавонад кумак расонад. Инчунин пажуҳишҳо дар ин самт барои равшан намудани масъалаъҳои равобити фарҳанг ва забон, рушди фарҳанги модӣ ва маънавии мардум аҳамияти назариявию амалӣ доранд ва тасаввуроти моро дар бораи инъикоси вижагиҳои фарҳанг ва равоншинохтии мардум дар забон амиқ мегардонанд. Аз ин рӯ, мавзуи диссертатсияи Абдуллоева Г.З. “Таҳқиқи этнолингвистии вожагони соҳаи ҳунармандӣ ва маишӣ дар лаҳҷаҳои водии Ҳисор”, ки ба яке аз ҳавзаҳои маркзии фарҳангӣ ва таърихии халқи тоҷик бахшида шудааст, дар забоншиносии муосир **мубрам** буда, дорои арзиши баланди назариявӣ ва амалӣ мебошад.

Диссертатсияи мазкур таҳқиқи тоза дар лаҳҷашиносии тоҷик буда, дорои **навгонии муайяни илмӣ мебошад.** Дар диссертатсия бори нахуст муҳимтарин қабати вожагонии лаҳҷаҳои водии Ҳисор вожаю истилоҳоти соҳаи ҳунармандӣ ва маишӣ аз назари забоншиносӣ мавриди омӯзиши мукаммал қарор гирифтааст.Таснифоти мукаммали мавзуии лексикаи соҳаҳои номбаршуда аз назари этнолингвистӣ дода шуда, манбаъ ва сарчашмаҳои ин қабати вожаю истилоҳоти лаҳҷавӣ аз назари решашинохтӣ ва мансубияти забонӣ муайян карда шудааст. Илова бар ин, оид ба гурӯҳҳои гуногуни этникии водии Ҳисор ва гӯйиши онҳо маълумоти нав оварда шудааст. Масъалаҳои этнолингвистӣ ва региолект дар мисоли лаҳҷаҳои водии мазкур бори нахуст мавриди баррасии илмӣ қарор гирифтаанд.

Диссертатсия дар доираи "Самтҳои афзалиятноки таҳқиқи илмӣ ва илмӣ – техникӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021 – 2025", бо Қарори ҲукуматиҶумҳурии Тоҷикистон тасдиқ гардидааст ва лоиҳаи илмии кафедраи забони тоҷикии Донишкадаи забонҳои Тоҷикистон ба номи С.Улуғзода "Ҷанбаҳои минтақавӣ ва забоншиносии фарҳангии таълими забон" иҷро шудааст. **Диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ комилан мувофиқат мекунад.**

**Дараҷаи асоснокӣ ва эътимоднокии таҳқиқ.** Эътимоднокӣ ва боварибахшии натиҷаҳои илмӣ ва далелу фактҳои таҳлилшударо шумораи зиёди манбаъҳои илмӣ, истифода аз методҳои умумиилмӣ ва соҳавӣ, инчунин маводи ҷамъоваришуда аз деҳоти 11 ҷамоати деҳоти шаҳри Турсунзода, 6 ҷамоати деҳоти ноҳияи Шаҳринав ва 9 ҷамоти деҳоти шаҳри Ҳисор таъйид мекунанд.

**Нуктаҳои асосии таҳқиқ** дар 11 банд нишон дода шудааст. Нуктаҳои асосӣ дар асоси вазифаҳои таҳқиқ ва мундариҷаи диссертатсия ва хулосаю натиҷагириҳои он аз ҷиҳати мантиқӣ банду баст гардидаанд. Дар асоси таҳлили далелҳои забонӣ хусусиятҳои маъноӣ ва равобити луғати ҳунармандӣ ба ҳаёти моддӣ ва маънавии сокинони ин мантиқа нуктаҳои

муҳимми таҳқиқ пешниҳод шудаанд. Вазъи забонӣ ва қавмии водии Ҳисор дар мисоли вожагони соҳаи ҳунармандӣ ва маишӣ таҳлил шуда, дар бораи таҳаввулоти он дар давраи кунунӣ хулосаю натиҷагириҳои асоснок матраҳ гардидаанд ва олами забонии ҳунармандону косибон ва ақшори дигари мардуми минтиқаро инъикос намудаанд. Дар ин маврид гуногунқавмии водии Ҳисор ба таҳаввули луғати соҳаҳои ҳунармандии лаҳҷаҳои минтақавӣ ва қавмии сокинони он таъсир расондааст.

Диссертатсияи Абдуллоева Г.З. "Таҳқиқи этнолингвистии вожагони соҳаи ҳунармандӣ ва маишӣ дар лаҳҷаҳои водии Ҳисор" ба сифати асари таҳқиқӣ **аҳамияти назариявӣ ва амалӣ дорад.** Аҳамияти назариявии асар дар он зоҳир мегардад, ки мавод ва хулосаҳои онро дар таҳқиқи масъалаҳои рушди ҳунару фарҳанги мардумӣ ва эҳёи луғат ва ҳунарҳои мардумӣ метавон мавриди истифода қарор дод. Асосҳои назариявии диссертатсия ба пажуҳишҳои этнолингвистӣ ва лаҳҷашиносии таърихии гӯйишҳои дигари забони тоҷикӣ мусоидат мекунад.Хулосаю натиҷагириҳои диссертатсия ва маводи таҳлилу таснифшуда барои пажуҳиши масъалаҳои гуногуни фарҳангшиносии забон замина фароҳам меоварад.

Маводи диссертатсияро метавон дар таҳияи фарҳангҳои лаҳҷавӣ, донишномаҳои фарҳангӣ ва ҳунарҳои мардумӣ истифода бурд. Мавод ва хулосаҳо ва натиҷагириҳои асарро дар таҳияи дастурҳои таълимӣ оид ба курси "Этнолингвистика", "Диалектиология" ва "Фарҳангшиносӣ" дар ихтисосҳои гуманитарии донишгоҳҳои олии мамлакат истифода бурдан мумкин аст.

Диссертатсия аз муқаддима, чор боб, хулоса ва феҳристи адабиёт иборат аст. Дар муқаддима оид ба вазифаҳои таҳқиқ, дараҷаи омӯзиши мавзуъ, навгонии диссертатсия, аҳамияти назариявӣ ва амалии диссертатсия маълумот дода шудааст.

Боби якум **“Асосҳои назариявии таҳқиқи масъалаҳои этнолингвистика”** аз 6 фасл иборат буда, дар он диссертант дар асоси таҳлили осори назариявии забоншиносон масъалаҳои марбут ба этнолингвистикаро мавриди таҳлил қарор додааст. Муаллиф дар атрофи чунин масъалаҳо аз қабили ҷойгоҳи этнолингвистика дар забоншиносии муосир, робитаи забон ва фарҳанг, омӯзиши лаҳҷаҳои водии Ҳисор аз нигоҳи этнолингвистӣ, региолект ва лаҳҷаҳои минтақавӣ, региолект ва муносибати он бо лаҳҷаву гурӯҳҳои этникии водии Ҳисор, вижагиҳои этнолингвистии вожагони фолклории водии Ҳисор изҳори назар намуда, зимни таҳлили далелу мисолҳои нави забонӣ хулосаҳои навро пешниҳод менамояд ва асосҳои назариявии этнолингвистикаи гӯйишҳои сокинони водии зикршударо пурра мегардонад. Дар бораи ба вижагиҳои гӯйишҳои гурӯҳҳои этникӣ мисли кавола, ҷугӣ, чистонӣ, парёнӣ ва ғайра маълумоти тоза пешниҳод кардааст ва фазои қавмию забонии минтақаро дар заминаи асосҳои назариявии забоншиносии қавмӣ мавриди таҳлил қарор додааст. Зимнан ёдовар шудан ба маврид аст, дар бораи гӯйишҳои тоҷикии гуруҳҳои этниткии водии Ҳисор 50 сол пеш дар асари эроншиноси маъруф И. Оранский “Таджикоязычные этнографические группы Гиссарской долины” маълумот оварда шуда, таҳқиқоти довталаби дараҷаи илмии имрӯза идомаи пажуҳишҳои тоҷикшиноси маъруфи рус И. Оранский мебошад.

Боби дуюм таҳти унвони **“Таснифоти этнолингвистӣ ва мавзуии вожагони соҳаи ҳнармандӣ дар лаҳҷаҳои водии Ҳисор”** аз нуҳ фасл иборат аст.Дар ин боб вожагони соҳаи ҳунармандӣ ба 9 гуруҳи мавзуӣ ҷудо шудаанд. Дар фаслҳои алоҳида луғоти ифодакунандаи соҳаҳои чармгарӣ, кулолӣ, оҳангарӣ, олоту зарфҳое, ба оташу оташкорӣ иртибот доранд, вожагони соҳаҳои сохтмон, дӯзандагӣ, бофандагӣ, зебу зинат ва ороишот, пазандагӣ ва номвожаҳои ҷуғрофии ба соҳаи ҳунармандӣ алоқаманд аз назари маъно, доираи корбурд ва сохту таркиб таҳлил шуда ба зергуруҳҳо низ дастабандӣ шудаанд. Инчунин корбурди вожагонии соҳаи мазкур дар

зарбулмасалу мақолҳо ва боварихои мардумӣ нишон дода мешавад, ки таҳлили этнолингвистии маводро тақвият додааст.

Боби сеюм **“Таснифоти этнолингвистӣ ва мавзуии вожагони соҳаи маишӣ дар лаҳҷаҳои водии Ҳисор”** унвон дошта, аз 8 фасл иборат аст.Ҳар як фасли ин боб ба таҳқиқи лексикаи соҳаҳои зироаткорӣ, боғдорӣ, чорводорӣ, моҳидорӣ, занбурпарварӣ, тибби мардумӣ, номи бозиҳо, мафҳумҳои хешу таборӣ бахшида шудааст.Маҷмуи вожаҳои соҳаҳои зикршуда аз ҷиҳати тобишҳои маъно ва хусусиятҳои корбурд дар доираи гӯйишҳои минтақа ва сохту таркиб таҳлил шудаанд. Илова бар ин, барои таҳлили вижагиҳои этнолингвистӣ ва инъикоси фарҳанги маънавии мардуми минтақа зарбулмасалу мақол ва дигар намунаҳои фолклорӣ низ истифода шуда, мавқеи корбурди вожагони соҳаи маишӣ дар таркиби намунаҳои фолклорӣ муайян карда шудааст.

Боби чорум **“Хусусиятҳои забонии вожагони соҳаи ҳунармандӣ ва маишӣ дар лаҳҷаҳои водии Ҳисор”,** ки ба ду фасл ҷудо шудааст, решашинохтии лексикаи соҳаи ҳунармандӣ ва дараҷаи корбурди вожагон мавриди таҳлил қарор гирифтааст. Таркиби вожагони соҳаҳои ҳунармандӣ аз назари мансубият ба забонҳо таҳқиқ шуда, вожагони аслии тоҷикӣ, арабӣ , туркӣ-муғулӣ, русию аврупоӣ бо усули решашинохтию этимологӣ баррасӣ шудаанд. Дар замина аз назари дараҷаи корбурд калимаҳои кӯҳнашуда, таърихӣ, наввожаҳо, вожаҳои сирф лаҳҷавӣ, вожагоне, ки дар забони адабиёти классикӣ ба кор бурда шудаанд ва вожагони умумимеъёрӣ аз назари таҳаввули маъно, сохту таркиб гуруҳҳои семантикӣ таҳлилу тасниф шудаанд.

Хулосаю натиҷагириҳои таҳқиқ дар 28 банд ҷамъбаст гардидаанд, ки ба муҳтавои масъалаҳои илмии диссертатсия мутобиқат мекунанд. Хулосаи диссертатсия навгонии таҳқиқро инъикос намуда, таҳлили амиқи довталаби дараҷаи илмиро инъикос мекунанд.

Ба сифати **сарчашмаҳои таҳқиқ** маводи забоние интихоб шудааст, ки муаллиф тариқи кори майдонӣ аз 26 ҷамоати деҳоти се ноҳияи водии Ҳисор бо зикри номи деҳот ва воҳидҳои маъмурӣ ҷамъоварӣ намудааст, инчунин маводи осори таърихӣ, лаҳҷашиносӣ ва мардумшиносӣ оид ба мавзуъ дар диссертатсия истифода шудааст, ки таҳлилу хулосаҳои муаллифи диссертатсияро тақвият додаанд.

Асару мақолаҳои чопшуда мазмуну мундариҷаи диссертатсияро инъикос мекунанд. Аз рӯйи мавзуи диссертатсия 1 монография ва 33 мақолаи илмӣ ба табъ расидааст, ки аз ин шумора 25 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва КОА-и Федератсияи Россия чоп шудаанд.

Тавсияҳои амалии пешниҳоднамудаи муаллиф дар асоси натиҷагириҳои таҳқиқ пешниҳод шуда, ба рушди минбаъдаи пажуҳишҳои этнолингвистӣ дар забоншиносии тоҷик мусодат мекунанд. Онҳо дар муайян намудани баъзе масълаҳои таърихи забони адабӣ, давраҳои гуногуни таърихии он, масъалаҳои услубшиносӣ ва қолабҳои калимасозӣ дар мисоли воҳидҳои таърихии соҳаи ҳунармандӣ кумаки амалӣ мерасонанд. Инчунин таҳқиқи диссертатсионӣ ба омӯзиши амиқи масъалаҳои лаҳҷашиносӣ, мардумшиносӣ ва номшиносӣ мусодат намуда, маводи он бояд мавриди истифода қарор бигирад. Таҳияи донишномаҳо ва фарҳангномаҳои соҳаҳои ҳунармандӣ ва маишӣ дар асоси маводи диссертатсия мувофиқи мақсад мебуд.

Дар баробари дастовардҳои назарраси илмӣ дар диссертатсия як қатор камбудиҳо ба назар расиданд, ки ислоҳи онҳоро мо бар салоҳи кор медонем:

1.Дар диссертатсия масъалаи региолект мавриди баррасӣ қарор дода шуда, кӯшиш карда мешавад, ки аломатҳои региолект дар мисоли лаҳҷаҳои водии Ҳисор нишон дода шавад. Вале вазъи забонии водии Ҳисор зарурати баррасии мафҳуми дигар – этнолектро ба миён мегузорад. Дар лаҳҷаҳои тоҷикии гуруҳҳои этникии водӣ ҳодисаи

этнолект ба мушоҳида мерасад. Хуб мешуд, ки диссертант ба ин масъала низ таваҷҷуҳ зоҳир мегардид.

2. Вожаҳое мисли *икра, ряд, мел, балкон* аз забони тоҷикӣ ба забони русӣ иқтибос нашуда, балки решаи умумии ҳиндуевропоӣ дошта,да шаклҳои гуногун дар забонҳои русӣ ва тоҷикӣ боқӣ мондаанд.

3. Воҳиди луғавии *фарфор* дар марҳалаи ҳозира аз забони русӣ ба тоҷикӣ иқтибос шудааст. Ҳарчанд сарчашмаи пайдоиши он забонҳои бостонии эронӣ бошанд ҳам, ба забонҳои Чин иқтибос шуда, сипас ба маънои масолеҳ барои истеҳсоли зарф, намудҳои алоҳидаи зарфҳо ба забони русӣ гузашта, сипас ба тоҷикӣ гузаштааст.

4. Дар таҳқиқи диссертатсионӣ марзи муайяне байни вожагони маросимӣ (обрядовая лексика), соҳавӣ (отраслевая лексика), ҳунармандӣ (ремёсленая лексика), маишӣ (бҷтовая лексика) гузошта нашудааст. Саволе ба миён меояд, ки вожагони соҳаи *пазандагӣ* ба вожагони соҳаи маишӣ ё ба вожагони соҳаи ҳунармандӣ мансуб мешаванд?

5. Дар фасли дараҷаи омӯзиши мавзуъ на ҳамаи рисолаҳои ба ин мавзуъ бахшидашуда таҳлил шудаанд: асарҳои А. Мирбобоев, Г.Неъматов (лексикаи чорводорӣ), П. Абдулҳамидова (лексикаи тиби мардумӣ), М. Бироимшоева (лексикаи бовариҳои мардумӣ), Р. Шодиев ( таҳқиқи этнолингвистии лаҳҷаҳои Кӯлоб) ва ғ.

6. Дар диссертатсия ва автореферат баъзе ғалатҳои имлоӣ, техникӣ ва ноҳамвориҳои услубӣ ба мушоҳида мерасанд. Дар автореферат тарҷумаи русии баъзе мафҳуму истилоҳот ба шакли тоҷикӣ мувофиқат намекунад ( с. 3,7,8, 11, 17).

Мулоҳизаҳои зикршуда ба ҳеҷ ваҷҳ арзиши илмии диссертатсияи Абдуллоева Г.З. коҳиш намедиҳанд. Кори диссертатсионии пешниҳодшуда ба таҳқиқи илмии яке аз масъалаҳои омӯхтанашуда ва самти нави лаҳҷашиносии тоҷикро бахшида шуда, дорои арзиши баланди назариявӣ ва амалӣ мебошад.

Ҳамин тариқ, диссертатсияи Абдуллоева Гулрухсор Зиёдуллоевна дар мавзуи “Таҳқиқи этнолингвистии вожагони соҳаи ҳунармандӣ ва маишӣ дар лаҳҷаҳои водии Ҳисор” ба талаботи бандҳои 32-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021 таҳти рақами 267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01. – Забони тоҷикӣ сазовор мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**
доктори илмҳои филологӣ,
профессори кафедраи забони
тоҷикии Донишгоҳи давлатии
Хоруғ ба номи Моёншо Назаршоев Офаридаев Назрӣ
“16” апрели соли 2024
Нишонӣ: 736000, Ҷумҳурии Тоҷикистон
ш.Хоруғ, к.М.Карамшо,266-3.
Тел.: 919-26-14-06
E-mail: nazri53@mail.ru

Имзои Назрӣ Офаридаевро тасдиқ мекунам:
Раёсати кадрҳо, коргузорӣ ва
корҳои махсуси Донишгоҳи давлатии
Хоруғ ба номи Моёншо Назаршоев Саидраҳмонов Н.
“16” апрели соли 2024
Нишонӣ: 736000, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Хоруғ, к. Ш.Шоҳтемур, 109.
Тел.:83522-2-27-79
E-mail:KSU.khorog@mail.ru